# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «11» июня соли 2019 № 143 ш. Душанбе

Ба ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Имомзода М.С.

Оид ба ҳайати
шӯрои диссертатсионӣ

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархости Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 15.05.2019с., №2001/03-ро мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода, чунин иттило медиҳад.

Аз дархости Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бар меояд, ки муассиса мақсад дорад дар заминаи Донишгоҳи мазкур шӯрои диссертатсонӣ доир ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисосҳои 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит, 6D051200-Омор ташкил намояд.

Аз сабаби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон набудани шумораи кофии мутахассисони дорои дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои дархостшуда, аз тарафи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои шомил намудани устоди Донишгоҳи славянии Россия-Қирғизистон Исраилов Мукаш Исраилович, - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ва ректори Донишгоҳи давлатии Норини Ҷумҳурии Қирғизистон Омуралиева Дамира Кемеловна, - доктори илмҳои иктисодӣ ба ҳайати шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисосҳои 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит, 6D051200-Омор тибқи муқаррароти банди 22 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ барои мувофиқа ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост пешниҳод шудааст.

Омӯзиши мавод ва маълумоти пешниҳодшуда нишон дод, ки Исраилов М.И. ва Омуралиева Д.К. аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – ҳисоби муҳосибӣ,

аудит ва омор рисолаи докторӣ ҳимоя намудаанд ва дорои дастовардҳои илмии барҷаста дар самти мазкур мебошанд.

Илова бар ин, интишороти илмии номзадҳои пешниҳодшуда дар 5 (панҷ) соли охир ба ихтисосҳои дархостшуда ва талаботи банди 24 Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ пурра мувофиқат менамояд (замима мегардад).

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти набудани шумораи кофии мутахассисони илмӣ барои ташкили Шӯро аз рӯйи ихтисосҳои 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит ва 6D051200-Омор ва ниёз доштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ ба кормандони илмии дорои дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисосҳои дарҷгардида, ба тариқи истисно барои шомил намудани устоди Донишгоҳи славянии Россия-Қирғизистон Исраилов Мукаш Исраилович, - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор ва ректори Донишгоҳи давлатии Норини Ҷумҳурии Қирғизистон Омуралиева Дамира Кемеловна, - доктори илмҳои иқтисодӣ ба ҳайати шӯрои диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисосҳои 6D050800-Баҳисобгирӣ ва аудит, 6D051200-Омор дар заминаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон розигӣ медиҳад.

Раис — А. Розиқзода.